**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С. __________
аз «_20_» ___02___ соли 2026

# ПРОТОКОЛИ № 7

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

аз 18.02.2026 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М.**
**Котиб: Азизов С.С.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Мирализода И.Қ., д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ., д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И., н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.И., н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М., н.и.ҳ., дотсент Искандаров Ш.Ф., н.и.ҳ., ассистент Ализода С.О., н.и.ҳ., ассистент Холиқов Н.А., н.и.ҳ., ассистент Исозода П.А., н.и.ҳ., ассистент Сафарализода Д.С., муаллимони калон Исматова М.Ҳ., Холиқова О.А., ассистентон Аҳадзода А.А., Азимзода С.Ш., Бобозода У.Э., Муминзода М.Н., Иброҳимзода Ш.Ҳ., Сайфуддинзода Ф.С. ва лаборанти кафедра Азизов С.С.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**8.1. Муҳокимаи рисолаи илмии докторанти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Зокирзода Нодира Иномҷон** дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат).

**Роҳбари илмӣ: Мирализода Исфандиёр Қарахон** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур докторант Зокирзода Нодира Иномҷон баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ,

вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар замони муосир дар соҳаи қонунгузории низоми судӣ тағйиротҳо мунтазам ба назар расанд ҳам, вале масъалаи омӯзиши ташаккул ва инкишофи низоми судӣ, аз он ҷумла, судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз нигоҳи таърихӣ ва ҳуқуқӣ дар адабиёти илмии ватанӣ ба таври кофӣ мавриди баррасии хосаи илмӣ қарор нагирифтаанд. Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки таъсири худро дар соҳаи низоми судӣ низ расонидааст, диққати ҷаҳониёнро оиди фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҷалб намудааст. Зарурияти мавҷуд будани судҳои иқтисодӣ дар низоми судиро бештари олимони ин соҳа асоснок эътироф мекунанд, зеро дар натиҷаи пайдоиши шаклҳои гуногуни моликият ва рушди бемайлони он баҳсҳое ба миён меоянд, ки мазмуни молумулкӣ ва иқтисодиро дошта, ба муносибатҳои пуливу molӣ, қарз, соҳибкорӣ ва тиҷорат алоқаи зич доранд. Баҳри саривақт ҳал намудани чунин гуна баҳсҳо судҳои иқтисодӣ таъсис дода шуданд, ки аҳамияти хоссаро ҳамчунин дар низоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон касб намуда, мавқеи муайянро ишғол менамоянд.

Бояд қайд кард, ки то қабули Конститутсияи соли 1994 баҳсҳои хоҷагии корхонаву ташкилотҳоро мақоми махсус – суди арбитражӣ ҳал мекард. Ҳоло бошад, хушбахтона дар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин навъи суд – суди иқтисодӣ амал мекунад, ки ба ҳалли масъалаҳои соҳаи иқтисодӣ машғул мебошанд. Вобаста ба ин гуфтаҳо пешбинӣ намудани маҷмуи зиёди рисолаҳои илмӣ ва корҳои илмии тадқиқотӣ аз ҷониби фаъолони соҳаи илм баҳри боз ҳам кушоду равшан намудани сохтори таркибии низоми судӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Мубрамияти мавриди тадқиқоти илмӣ қарор гирифтани фаъолияти судҳои иқтисодӣ бо он аҳамиятнок аст, ки аксарияти кишварҳои ҷаҳон аз он ҷумла, Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ диққати асосиро дода, баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ ёфтани он кӯшиш карда истодаанд. Азбаски дар шароити муосир дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муносибатҳои хусусияти иқтисодӣ дошта дигаргун шуда, маҳз фаъолияти соҳибкориву муносибатҳои бозоргонӣ омили асосии таъмини ҳаёти шоистаи ҳар як фарди ҷомеа мегардад.

Аз ин рӯ, кишвари мо низ ба ин самт назари бештарро зоҳир намуда, баҳри беҳбуд гардонидани ҳаёти иқтисодии шаҳрвандонаш кӯшишҳои зиёд карда, онро дар сатҳи қонунгузории миллӣ, аз он ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам кардааст. Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ дар паёми ҳарсолаи худ нисбат ба фаъолияти соҳибкорон, оиди дастгирии онҳо борҳо таъкид намуда, ҳамасола сипоси худро дар саҳми арзандаи онҳо дар таъсиси иншоотҳои фарҳангиву маърифатӣ мерасонанд.

Новобаста аз ин, чунин ба назар мерасад, ки дар мавзуи судҳои иқтисодӣ рисолаҳои илмӣ ба таври кифоя оварда нашудааст. Чунки барои равшанӣ андохтан ба баъзе баҳсҳои дахлдори мавзуи интихобшуда, моро зарур аст, ки якчанд нозукиҳои онро мавриди тадқиқот қарор диҳем.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда ба тақвияти фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуда, сатҳи самаранокии низоми судиро доир ба масоили иқтисодӣ баланд бардоранд. Ҳамзамон, дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи ҳокимияти судӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон тавассути барқарорсозии адолати судӣ, саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисола метавонанд, ҳамчун маводи таълимӣ дар нақшаҳои таълимии муассисаҳои илмии соҳаи ҳуқуқ ворид карда шуда, мавриди истифода қарор гиранд. Таҳлили марҳилавии инкишофи судҳои иқтисодӣ ба донишҷӯён имконияти дарки дурусти рушди низоми судии иқтисодиро фароҳам оварда, ҳамчун замина барои таҳқиқҳои минбаъдаи илмӣ дар самти ҳуқуқ ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо арзёбӣ мегарданд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Бобоева Н.И, н.и.ҳ., дотсент., Искандаров Ш.Ф. ба докторант саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Зокирзода Нодира Иномҷон ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии докторант доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирализода И.Қ. баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Зокирзода Нодира Иномҷон суханронӣ намуда, иброз дошт, ки докторант қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ

ва давлат) мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Шоев Ф.М. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта арзёб карда, ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Саъдизода Ҷ. ва н.и.ҳ., ассистент Исозода П.А. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми докторантро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Зокирзода Нодира Иномҷон муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 8 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Зокирзода Нодира Иномҷон ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Зокирзода Нодира Иномҷон дар мавзуи «Рушди судҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ИДМ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) бо назардошти

ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 18 феврали соли 2026, № 7 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 21 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 21 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — Шоев Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра — Азизов С.С.

Имзои Шоев Ф.М. ва Азизов С.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

«20» 02 2026с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj